UDC 891.550-1

**Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич**
старший преподаватель
Дангаринский государственный университета, Республика Таджикистан

**Валиев Махмадсафар Халкулоевич**
старший преподаватель
Дангаринский государственный университета, Республика Таджикистан

**Каримзода Ахлиддин Назир**
старший преподаватель
Дангаринский государственный университета, Республика Таджикистан

# НАКШИ ОИЛА ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

***Аннотации.*** *Роль семьи в воспитании детей. В статье рассказывается о воспитании детей в семье и об основных обязанностях родителей. Также через эту статью он с раннего возраста приучал детей воспитывать любовь и искренность по отношению к взрослым, доброту, любовь к Родине, уважение к родителям, трудолюбие и другие человеческие качества, и считал главной задачей семьи воспитание детей, первой школой нравственности. Взгляды взрослых на воспитание детей обсуждаются в этой статье с полезными идеями. Подробно описана и проанализирована ответственность родителей с точки зрения Мавлави и Имама Газзали в отношении воспитания детей. Основными причинами неправильного воспитания подростков являются отсутствие хорошего воспитания в семье, а также тот факт, что многие конфликты вне сферы детей приводят к разочарованию детей. Искренняя любовь между родителями, которая является важным фактором в воспитании ребенка, его духовном и физическом развитии, получает приоритет. Ответственности учителей в этой сфере уделяется первоочередное внимание, ведь педагог в соответствии с Законом Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей» вместе с*

*родителями правильно проводит воспитание подрастающего поколения. В научной статье подчеркивается, что во времена Независимости необходимо воспитывать семьи и учителей в духе человеческой нравственности.*

***Ключевые слова:*** *ребенок, воспитание, педагог, родители, педагогика, обязанности, ответственность, семья, нравственность, доброта.*

Ба хамагон маълум аст, ки тарбияи фарзанд сараввал аз оила огоз меёбад. Хар як падару модаре, ки фарзандро ба дунёи хастӣ меоваранд, бояд вазифаи худро танхо дар гизо додан ба фарзанд ва калон ба воя расонидани вай надонанд. Онхо инчунин дар тарбияи хуби инсони ва таълими хуби замонави гирифтани фарзанд бояд масъулияти чидди хис намоянд. Аз ин рӯ оила аввалин мактаби такомули ахлок аст, бинобар ин аввалин падидахои адабро дар кудакон дар оила падару модар меомузанд, аввало одоби салом додан, падару модар ва калонсолонро «шумо» гуфтан, дуруг нагуфтан, даст шустан, супоришхои падару модар ва устодону калонсолонро ба чо овардан, суханхои кабех нагуфтан, ба бародарон дар оила мехрубон будан, гапдарою фармонбардор ва гайра амсоли омузиши адаб аст.

Хар падару модарро вочиб аст, бидонад, ки фарзандро дар хурди адаб бояд омухт, уро аз хамаи илмхои замони худ бархурдор бояд кард ва уро касбе бояд ёд дод, то аз мухточи халос ёбад ва инсони комил гардад. Агар ин вазифаро аз забони Мавлоно Чалолиддини Руми бигуем, шояд ин масъулияти бузургро равшантар бифахмем.

Чун сару кори ту бо кудак фитод,
Хам забони кудаки бояд кушод.
Бахри тифли нав падар ти-ти кунад,
Гарчи илмат хандасай гети кунад.
Аз пайи таълими ин баста дахан
Аз забони худ бурун бояд шудан.
Тифли чон аз шири шайтон боз кун,

В-он гах онаш бо малак анбоз кун.

Лукмае, к-он нур афзуду камол,

Он бувад оварда аз касби халол.

Ба кавли Мавлоно, вакте ки падар машгули тарбияи хуби кудаки худ мешаванд, бояд сахехтар ба фахмишу ба забони кудак наздиктар бошанд, то фарзанд, онхоро хуб бифахмад ва омухтанаш осон гардад. Паёмбари бузургвор дар ин замина мефармояд: «Кудак аз модари худ бо сиришти пок таваллуд мешавад, падару модарро панд, ки онхоро мусулмон тарбия мекунанд ё насрони мегардонанд ва ё оташпараст месозанд». Ин таъкидоти паёмбари ислом тасдики беинкор аст ва он ба дигар шарху тафсире ниёз надорад. Аз ин боис падару модарон агар фарзанди хубе ба воя расондани бошанду аз онхо хакку хукуке умедвори доранд, бояд тарбияти онхоро сахл нагиранд. Басо падару модароне хастанд, ки барои аз ранчи тарбият гурехтан худро канора мегиранд ва хиссагузори намекунанд, рохати худро авло дониста, фарзандонро ба холи худ вомегузоранд ва дар охири кор аз баркирдорхои фарзандони худ ба гирифторихо ру ба ру мегардад. Мавлавии Руми мефармояд:

Гар гурези бар умеди рохате,

З-он тараф хам пеш ояд офате.

Хеч кунче бе даду бе дом нест,

Чуз ба хилватгохи хак ором нест...

Педагоги барчастаи рус А.С. Макаренко зарурияти тарбияи хурдсолонро чунин тарчех дода буд: «Асоси мухимтарини тарбия то синни 5-солаги гузошта мешавад ва он коре, ки шумо то 5-солаги кардед, 90 фоизи чараёни кори тарбияро ташкил медихад. Баъдтар низ тарбия ва такомули одам давом мекунад. Умуман, ба хурдани мевахое шурӯъ мекунед, ки шумо нихолро шинонда парвариш карда будед, он гул карда мева додааст, ки он то синни 5-солаги буд» [1, 461].

Бале, акидахои А.С. Макаренко комилан солехан. Аз он чумла, ман хамчун тарбиятгар, таълимгари насли наврас ва чавонон аз тачрибаи хаёти ва фаъолияти педагогиям дар чунин акидаам, ки пояи асоси ва озмоишгохи аввалиндарача дар

тарбияи инсон ин оила мебошад. Агар фанхои таълимии химия, физика, биология ва дигар илмхо озмоишгохи худро дошта бошанд, фанни педагогика, ки дар мавзуи таълиму тарбияи инсон бахс менамояд, волидон ва аъзоёни оиларо озмоишгох ва шохсутуни аввалиндарача дар тарбияи фарзанд, ба шумор меорад. Бузургон ба маврид гуфтаанд, ки:

Хишти аввал гар нихад меъмор кач,
То ба охир меравад девор кач (А. Бедил)

Муҳиммияти оила чун институти ичтимои дар он аст, ки кудак кисмати бештари хаёти худро дар он сипари менамояд ва ягон институти иҷтимоӣ ба он баробар шуда наметавонад. Оила метавонад, дар рушду такомули кудак хамчун омили мусби ё хамчун омили манфи таъсир расонад. Оила дар тарбияи фарзанд накш ва макоми басо ҳалкунанда мебозад. Модар чи гуна хиссиёт дошта бошад, хамон хиссиётхо тавассути хусусиятхои ирси ба кудак мегузарад. Падаре, ки худро дар назди фарзандон дошта наметавонад, дар холатхои нозарур хашмгин мешавад ва бо фарзанд дуруст муносибат карда наметавонад, бисёр вакт худаш инро дида натавониста, чунин хислатхоро дар кудак таълиму тарбия медихад. [2,25].

Волидайн дар назди фарзандон сахнаеро мемонад, ки дар он накши асоси ва махсусро худ мебозанд. Ба хамин хотир хар як падару модарро зарур аст, ки аз нуктахои пандомезу манфиатбахши педагогикаи илми ва педагогикаи халки, ки дар худ тачрибаи хазорсолаи мардуми точикро тачассум мекунад, бархурдор бошанд. Дар педагогикаи халки фарханг, арзишхои зехнию акли, фарханги, идеалхо дар бораи инсони комил ифода гардидаанд. Онро «хазинаи тиллоии миллат» низ номидан мумкин аст. Афсонаю ривоятхо ва андарзхои халқиву мероси бою нотакрори адабиёти класикии форсу точик, хеч гох кимати таълими ва тарбиявии худро гум нахоханд кард.

Чаноби Мавлави мефармояд, ки падару модар ва муаллим дар баробари панду андарз додан ба фарзанд, ба кудак худашон бояд панди феъли нишон диханд, яъне амалхои худашон низ ибратангез бошад ва бача ба рафтори онхо пайрави кунад, ахлоки неки онхоро биомузад. Дар китобхои «Эхё-ул-улум» ва

«Кимиёи саодат»-и Имом Газзоли (рахматуллохи алайх) дар тарбияти фарзанд оварда шудааст: «Бидон, ки фарзанд амонате хаст дар дасти падару модар ва он дили пок чун гавхар накш аст ва накшпазир чун мум ва аз хама накшхо холи ва чун замин аст, то хар тухме, ки дар вай афкани, бор дихад. Агар тухми хайр афкани, ба саодати дилу дунё бирасад. Падару модар ва муаллим дар он савоб шарик бошанд ва агар тухми шарр (бади ва фасод) афкани ва уро бад-у бозгузори, то хар чи хохад, кунад ва бо хар ки хохад, нишинад ва хайру салох, таваккуъ (умед, орзу) дори ва хидматгори ва хакгузори тамаъ дори, гояти аблахи ва хомтамаъи бошад.

Байт:

Писар, ки миёни каландар нишаст,

Падар, гу, зи хайраш фуру шуй даст.

Ва падару модарон агар хоханд, ки фарзандони солех тарбият намоянд, дар чашми худи онхо онхоро бо лукмаи халол ва рафторхои шоиставу писандида парвариш намоянд. Агар бар хилофи ин бувад, лукмаи харом дар нафси у сироят кунад, то аз вай корхои ношоиста дар вучуд ояд. Овардаанд, ки рузе Молики Динор мегирист. Аз вай пурсиданд, ки мучиби гиряи ту чи бошад? Гуфт:

- Маро духтаре хаст, у маро гирён кардааст.

Духтарак гуфт:

- Эй падар, раво дори, ки таоми харом ба мо доди, валекин ман раво надорам, ки таоми харом маро дихи ва ман надонам, ки ман бирахам ва ту дар мони.

Ин сухан маро гирён кардааст. Пас падару модарро вочиб аст, ки фарзандро бо таоми халол (аз касби худ ба даст оварда, ки хакки дигарон дар вай набошад) парвариш кунанд асли кулли дар ин муомала он аст, ки падар аввал дар лукмаи худ эхтиёт ба чо орад, то нутфае, ки хосил шавад, фарзанди халолзода ояд.

Падару модар шохсутуни оила ба шумор меравард, бинобар ин хар як рафтор, гуфтор ва муносибати онхо дар тарбияи фарзанд намунаи ибрат мегардад. Ба ин хотир бузургон овардаанд, ки:

Бояд аввал худ адаб андӯхтан,

Пас ба дигар кас адаб омӯхтан (халк).

Чи тавре ки дар китоби «Захират-ул-мулук» -и М.С.А.Ҳамадонӣ нисбати тарбияи кӯдак овардааст: “Рӯҳи кӯдак чун оина пок аст ва чи гуна ки ба он муносибат намоем ҳамон гуна хислатро мегирад”.

Дар тарбия алокаи маънавии падару модарон бо кудакон омили асоси ба шумор меравад. Бисёр вакт зиддиятхо, ки байни падару модар ба вучуд меоянд ва сари вакт пеши рохи онхо гирифта намешавад, боиси рухафтодагии кудак мегардад. Вай набояд ва нашояд, ки зиддияти байни волидайнро ба чашми сар бубинад. Волидайнро мебояд, ки бо хар роху восита зиддиятхоро бартараф намуда, байни худ сулху салохро баркарор намоянд. Падару модаре, ки аз илми педагогика бархӯрдоранд, хеч гох дар назди кудак мунокиша намекунанд [3,14].

Мухабати самими байни падару модар барои бехдошти фарзанд ва рушди маънавию чисмонии вай, хамчун омили мухимммии тарбия ба шумор меравад. Омузиши психологияи наврасоне, ки ба майзадаги ва нашаманди гирифтор шудаанд бисёр вакт нишон медихад, ки сабабхои аслии гирифтории онхо мухаббати самими надоштани волидайн нисбати фарзандон мебошанд. Зеро, танхо дар асоси мухаббат мумкин аст рафтори маънавиро тарбия намоем.

Падару модар барои фарзанд аз хама чиз бокиматтар аст. Кайковус мегуяд, ки фарзанд мисли мева асту падару модар мисли дарахт. Харчанд дарахтро парвариш куни, аз он хамон кадар хосили дилхох ба даст меояд ва харчанд падару модарро иззату эхтиром куни, дуову офариниши эшон мададгори фарзанд мегардад. Чунки: «Харчанд дарахтро таахxуд беш куни, мева аз вай накутару бехтар ёби. Ва чун падару модарро хурмату озарм бех дори, дуову офарини эшон дар ту асари бештар кунад ва мустачобтар бувад... ва ба хушнудии эшон наздиктар боши».

Вакте ки кудак ба хаёти чамъияти кадам мемонад, волидайн вазифадоранд, ки тарзи либос пушидан, муносибату муошират мадани дар чомеа бо хамсолон, калонсолон ва умуман тарзи ичтимоишавиро дар чамъият ба онхо омузонанд. Ман бар он акидаам, ки инсон дар оила тарбияи хуб гирифта бошад, таълими

замонави хам гирифта метавонад. Ва ин ду мафхуми асоси педагогика, яъне тарбия ва таълим, ки аз хамдигар чудонашаванда мебошанд, дар рушду инкишоф ва маълумотгирии инсон, ки мафхуми сеюми илми педагогика ба шумор меравад, аз ахамият холи нест. [4, 14].

Мусаллам аст, ки дар тамоми муассисахои таълими хафтае як маротиба аз тарафи омузгорон, яъне рохбарони гурух соатхои тарбияви гузаронида мешаванд. Хуб мешуд, ки омугорон бисёртар дар мавзуъхои ахлоки бо шогирдон сухбат карда аз осори пандуахлоки ва бою рангини мутафаккирони гузаштаамон истифода бурда, наврасон ва чавононро дар рухияи инсондусти, ахлоки хамида, инсондусти, хурмати эхтироми якдигар ва калонсолон, муносибат ва муошировати мадани ва маърифати дар чомеа, донишомузи тарбия намоянд. На танхо дар соатхои тарбияви, инчунин дар соатхои таълими, ки кисми аввалро «ташкили дарс» меномем, як лахзаи дарсро дарег надониста, оид ба хамин мавзуъхо, ки ба рухи инсон гизои маънави мебахшанд, сухбат намоянд.

Таълимро он шахсе гирифта метавонад, ки тарбияи хуб хам дорад. Ва чуноне, ки дар боло гуфтем ин ду мафхуми ба хам зич алокаманд ва чудонашаванда дар педагогика мафхумхои асоси ба шумор мераванд.

Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки соли 2011 аз тарафи Хукумати Чумхурии Точикистон кабул карда шуд, гувох аз он аст, ки Хукумати Чумхурии Точикистон мухиммияти тарбияи оилавиро дар мархилаи чахонишавии тамадунхо дарк ва эхсос намуда, макоми оиларо хамчун яке аз рукнхои асосии институтхои ичтимои хеле баланд арзёби менамояд. Конуни мазкур масъулияти волидайнро нисбати таълиму тарбия ба танзим медарорад. Вале афсуф, ки бархе аз волидайн оиди ин масоил форигболанд. Имрузхо теъдоди падару модароне, ки сари вакт ба муассисахои таълими ташриф оварда, аз рафтору кирдор ва хониши фарзандонашон бохабар мешаванд, хеле кам мебошад.

Дар мачмуъ, тарбиятгари насли наврас икдомхои неки рохбари давлатро хамчун шахси ташаббускор, хирадманд, некбин, нексиришт, неккадам, инсонпарвару ватандустро сархатти фаъолияти харрузаи хеш дониста, бояд наслеро тарбия намояд, ки дорои чунин хислатхои неки инсони бошанд, дар пешрафт ва шукуфоии Ватани азизамон, ки хонаи умеди хар яки мо точикистониён аст, сахми арзандаи хешро мегузоранд. Бигузор дар тарбия ва таълим додани чавонон байни мо ва волидайн хамеша риштаи ногусастани бошад. Чунин чавонон ояндаи миллатанд.

**Руйхати адабиёт:**

1. Тазкираи адабиёти бачагон. Иборат аз панч чилд. Ч. 1. / Мураттибон Г. Сулаймони ва Б. Хочи. – Душанбе: Маориф, 1979. – 334с.
2. Чоми Абдуррахмон. Бахористон / Тахиягари чоп ва муаллифи сарсухан Аълохон Афсахзод. – Душанбе: Адиб, 1987. – 158с.
3. Акбаров Ю. Назми хурдсолон истеъдоди баланд ва дониши фаровон металабад // Маколахо оид ба адабиёти бачагона. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 107-141с.
4. Бахриев Ф.Ф. Гулчехра Сулаймони и её роль в развитии таджикской детской поэзии. Автореф. дисс. кандидат наук. – Худжанд, Меърodж – 2011, 21 стр.
5. Белинский В.Г., Чернышевский Н.Г., Добролюбов Н.А. О детской литературе. Изд. 2-е, перераб. и дополн. / Сост. В. Терновской и Н. Якушина. Вступ. статья В. Терновской. – М.: Дет. лит., 1983. – 430стр.
6. Бобокалонова Ч. Материалхо оид ба адабиёти бачагонаи точик. – Душанбе: Маориф, 1975. – 208с.
7. Хусейнзода Ф. Место и значение дастанов – притч в таджикской детской и подростковой литературе: Автореф. дисс... канд филол. наук. – Душанбе, 1997. – 21с.
8. Хусейнзода Ф. Тамсил ва тавсиф. – Душанбе, 1996. – 34с.
9. Хусейнзода Ф. Андарз ва адабиёти кудак. – Душанбе, 1996. – 44с.
10. Хусейнзода Ф. Шеъри анчуманафруз. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 112с.
11. Хусейнзода Ф. Назаре ба достонхои тамсилии адабиёти атфол. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 132с.
12. Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Душанбе, 2011
13. Ҳамадонӣ М.С.А. Захират-ул-мулук. Лаҳур, 1323.- 328с.